# Бастаи дуюми Барномаи БССВ II

Макон:
Минтақавӣ

Рақами лоиҳа:
51558

Бахши фаъолият:
Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ

Навъи эълон:
Хусусӣ

Категорияи экологӣ:
FW

Санаи банақшагирифташудаи баррасии Шӯрои директорон:
27 ноябри с. 2019

Ҳолат:
**Аз баррасии ниҳоӣ гузаштааст, бояд аз ҷониби Шӯрои директорон тасдиқ гардад**

Санаи нашри маълумоти мухтасари лоиҳа (ММЛ) бо забони англисӣ:
25 октябри соли 2019

## Шарҳи лоиҳа

Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР) дар доираи Барномаи II сармоягузорӣ ба сармояи венчурӣ (БССВ II, ки идомаи барномаи мавҷудаи БАТР - БССВ ба ҳисоб меравад ва барномаи махсусро дар ҳаҷми 100 млн. Евро дар бар мегирад) бо истифода аз воситаҳои молиявии саҳмӣ ва ба он алоқаманд (сармоягузорӣ дар ҳаҷми то 15 млн. Евро) дар якҷоягӣ бо сармоягузорони ботаҷрибаи сармояи венчурӣ дар кишварҳои фаъолияти Бонк ба ширкатҳои технологии дар марҳилаи аввалӣ ва рушд қарорёфта, сармоягузорӣ мекунад. Бо мақсади мусоидат дар бартарафсозии норасоии сармояи венчурӣ дар бозор сармоягузориҳо ба ширкатҳои инноватсионӣ ва босуръат рушдёфтаистодаи хурд ва миёна, ки асосан аз хизматрасониҳои шумораи маҳдуди ширкатҳои сармояи венчурӣ маҳруманд, равона мегарданд. Барои дар сатҳи дилхоҳ нигоҳ доштани сармоягузориҳо ва қонеъ намудани талабот ба тағийроти ҷорӣ дар

маблағҳои чашмдошт, маблағи иловагӣ бояд дар давоми марҳилаи боқимондаи сармоягузории БССВ II ҷудо гардад.

## Ҳадафҳои лоиҳа

i) БССВ ба Бонк имкон медиҳад, ки дар Минтақа иқтисоди донишмеҳвар, экосистемаҳои технологӣ рушд дода шуда, фаъолияти инноватсионӣ мавриди дастгирӣ қарор дода шавад; ii) Бонк тавассути амалигардонии БССВ дар бартарафсозии норасоии маблағгузории сармояи венчурӣ, ки дар Минтақа вуҷуд дорад, нақши муҳимро мебозад; iii) БССВ ба Бонк имкон медиҳад, ки нисбати имкониятҳои сармоягузории дорои хавфи баланд/даромаднокии бештар аз сарчашмаҳои мухталиф истифода барад.

## Таъсири алоқаманд ба раванди гузариш

Интизор меравад, ки Барномаи БССВ ба болоравии чунин хусусиятҳои давраи гузариш ба монанди рақобатпазирӣ ва устуворӣ мусоидат мекунад, зеро он рушду инкишофи ширкатҳои навтаъсиси инноватсионию технологии дараҷаи баландро дастгирӣ намуда, ба беҳтар гардониданӣ дастрасӣ ба сармояи венчурӣ, ки дар минтақаи фаъолияти БАТР ҳанӯз дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дорад, мусоидат хоҳад кард. Барномаи БССВ II ба комёбиҳои Барномаи БССВ I такя намуда, дар инкишофи иқтисоди донишмеҳвар дар минтақаи фаъолияти БАТР тибқи “Ташаббуси БАТР оид ба рушди иқтисоди донишмеҳвар”, бахусус Гурӯҳи 3 – ширкатҳои хурди технологӣ, дастгирии муҳимро пешниҳод мекунад.

## Маълумот дар бораи муштарӣ

Маълумоти инфиродӣ.

## Маблағгузории БАТР

50,000,000.00 Евро

## Арзиши умумии лоиҳа

50,000,000.00 Евро

## Маълумоти мухтасари экологӣ ва иҷтимоӣ

Худи барнома дар доираи Сиёсати экологӣ ва иҷтимоии Бонк аз соли 2014 тасниф нашудааст, аммо ҳар як зерлоиҳаи он дар алоҳидагӣ тасниф шуда, мавриди экспертизаи инфиродии экологӣ ва иҷтимоӣ (ЭЭИ) ва санҷиши “Гузариш ба иқтисоди сабз (ГИС)” вобаста аз лоиҳа ва муштарӣ, қарор дода мешавад. Дар асоси категорияи зерлоиҳа, тавассути ЭЭИ дахлдор мувофиқати сохтори ҳар як лоиҳа ба талаботи Бонк оид ба татбиқи лоиҳа санҷида мешавад.

БАРОИ ИСТИФОДАИ РАСМӢ

## Ҳамкории техникӣ

Нест.

## Маълумот барои тамос бо ширкат

Баҳром Ибрагимов
02073386000

## Имкониятҳои пешбурди соҳибкорӣ

Барои маълумот оиди имкониятҳои пешбурди соҳибкорӣ ё харид бо ширкати муштарӣ тамос гиред.

Барои маълумот оиди лоиҳаҳои бахши давлат, ба торнамои EBRD Procurement ташриф оред. Тел: +44 20 7338 6794
Суроғаи электронӣ: procurement@ebrd.com

## Дархостҳои умумӣ

Дархостҳои вобаста ба лоиҳаҳои БАТР, ки ба харид алоқамандӣ надоранд:
Тел: +44 20 7338 7168
Суроғаи электронӣ: projectenquiries@ebrd.com

## Сиёсати иттилоотдиҳии оммавӣ (СИО)

Дар СИО тарзи ифшои маълумот ва гузаронидани машварат бо тарафҳои манфиатдори худ ҷиҳати мусоидат ба огоҳӣ ва фаҳмиши беҳтари стратегияҳо, сиёсат ва фаъолияти худ, шарҳ дода мешавад. Барои ба даст овардани маълумот оиди тарзи дархости гузориши Шӯрои бахши ҷамъиятӣ лутфан ба саҳифаи Сиёсати алоқаманд бо иттилооти оммавӣ, ташриф оред.

Матни СИО

## Механизми баррасии шикоятҳо нисбати лоиҳа (МБШ)

Механизми баррасии шикоятҳо (МБШ) воситаи ҳисоботдиҳии БАТР ба ҳисоб меравад. Он имкон медиҳад, ки шикоятҳои шахсҳои алоҳида ва ташкилотҳо нисбати лоиҳаҳои аз ҷониби БАТР маблағгузоришаванда, ки зарари экологӣ ва/ё иҷтимоӣ расонидаанд ё метавонанд расонанд, ба тври мустақил баррасӣ гарданд.

Барои пайдо намудани маълумот дар бораи тарзи пешниҳоди шикоят ба саҳифаи Механизми баррасии шикоятҳо нисбати лоиҳа ташриф оред. Мутахассиси МБШ (pcm@ebrd.com) омода аст ба ҳамаи саволҳои шумо оид ба пешниҳоди шикоят ва талаботи бақайдгирӣ ва меъёрҳои мувофиқат мутобиқи Қоидаҳои тартиботи МБШ, ҷавоб диҳад.